*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)***

Бозори фурӯши барқ дар таъмини барномаҳои мухталифи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, пойдорӣ ва устувории иқтисодиёти миллӣ, ки аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бармеоянд ва ба ҳалли мушкилоти истиқлолияти энергетикии мамлакат вобаста мебошанд, саҳми муҳим дорад. Ҳамчунин, рушди бозори фурӯши барқ заминаи асосии амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат мебошад. Дар воқеъ, имрӯз ҳаёти муътадили ҷамъиятро бе нерӯи барқ тасаввур кардан мумкин нест. Вале рушди худи бозори фурӯши барқ аз кори бомуваффақияти субъектҳои он, ки барои бо нерӯи барқ таъмин намудани соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва аҳолии мамлакат хизмат мекунанд, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар таъмини ҳадафҳои стратегии мамлакат аҳамият ва мубрамии хоса дорад.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявии асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шуда, натиҷаҳои илмӣ ба масъалаҳои ташаккулёбии бозори қарзҳои ипотекӣ бахшида шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот методҳои абстраксияи илмӣ, диалектика, омориву риёзӣ, дедуксия ва индуксия, таҳлили омилӣ, таҳқиқоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода шудааст.

Дар автореферат пешниҳод шудааст, ки дар мамлакат рушди тавлиди нерӯи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқии обии хурд (НБОХ) ба ғайримарказонии низоми электроэнергетикӣ ва бозори фурӯши барқ мусоидат мекунад. Ғайримарказонии бозор имкон медиҳад, ки мушкилоти таъмини барқ ба аҳолӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва иншооти иҷтимоии маҳалҳои дурдаст ва кӯҳистон ҳалли худро ёбанд ва ҳамзамон масъалаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба таври маҷмуӣ баррасӣ шаванд.

Диссертант дар саҳифаи 19 расми 4. Амсилаи сохтории рушди бозори фурӯши барқ таҳия карда, илман исбот кардааст, ки дар сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо нишон дода шудаанд. Вале сарфи назар аз он ки дар бозори фурӯши барқ якчанд субъектҳо фаъолият мекунанд ва баъзеи онҳо мустакил ҳам ҳастанд, то ҳол стандартҳо ё коидаҳои умумии барои ҳар кадоми онҳо мақбул таҳия нашудаанд (Саҳ.20).

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалию методии диссертатсия метавонанд барои муайян намудани алгоритми бозори фурӯши барқ истифода шаванд.

Дар қатори дастовардҳои илмию амалии муҳиммияти автореферат баъзе камбудиҳои низ дар автореферат ҷой дорад:

1. Бисёр ба маврид мебуд дар қатори таҳқиқи дигар паҳлуҳои илмии мавзӯи таҳқиқшаванда ба лоиҳаи байниминтақавии CASA-1000 маълумоти бештар дода мешуд;
2. Дар автореферат муаллиф омилҳои ба бозори фурӯши барқ таъсиррасон хеле ба маврид нишон додааст, хуб мешуд хар яке аз омилҳоро шарҳу тавзеҳ медод.

Новобаста аз пешниҳоди ҷойдошта автореферати диссертатсияи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок карда шуда, муаллиф мустақилона доир ба ташаккулёбии бозори қарзҳои ипотекӣ тавсияҳои методиро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бар меояд, ки диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна мавзуи рӯзмара буда, ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Точикистон, номзади илмҳои иктисодӣ Акилҷонов Ф.Ш.**
**Сурога: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3**
**Тел.: (992) 935727772**
**E-mail: Furkat_75@mail.ru**

**Имзои Акилҷонов Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ